## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. Душанбе, 2023. – 180 саҳифаи чопи компютерӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар таърихи лаҳҷашиносии тоҷик аз аввали солҳои 50-уми қарни гузашта сар карда, самти нави пажуҳиш ба вуҷуд омад, ки ба таҳқиқи бахши таркиби луғавии лаҳҷаҳо марбут аст. Муҳаққиқони лаҳҷашинос В. С. Расторгуева, А. Л. Хромов, Р. Л. Неменова, А. З. Розенфелд, М. Маҳмудов, Ҷ. Мурватов, Л. В. Успенская, Т. Мақсудов, Х. Ҳамроқулов, Р. Сангинова, Ш. Исмоилов, С.М. Носиров ва дигарон дар таҳқиқоти ба лаҳҷаҳои гуногун бахшидаи худ ба фасли лексика боби алоҳида ҷудо намуда, паҳлуҳои ҷудогонаи таркиби луғавии лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқашонро ба таври фишурда баррасӣ қарор додаанд. Донишмандони тоҷик Ғ. Ҷӯраев ва С. Раҳматуллозода дар заминаи лексикаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ асарҳои арзишманди илмӣ таълиф намудаанд.

Диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмӣ – 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуе, ки диссертант Гулова Маъмура Нуровна мавриди таҳқиқ қарор додааст, ба бахши лаҳҷашиносии илми забоншиносии тоҷик алоқаманд буда, актуалӣ ва таҳқиқнагардида мебошад. Дар диссертатсия тибқи талаботи мавҷуда вижагиҳои лексикӣ-маъноӣ ва сохтории шеваи мобайнии то хол таҳқиқнашудаи забони тоҷикӣ – ноҳияи Айнӣ вобаста ба номгузории рустаниҳо таҳқиқ гардидаанд, ки дар ихтиёри забоншиносии тоҷик маводи арзишмандеро вогузор мекунанд. Ҳадафи асосии таҳқиқот, таҳқиқи яке аз қабатҳои асосии таркиби луғавии лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ– калимаҳои марбут ба наботот мебошад, ки барои нишон додани ташаккулу таҳаввул ва имконоти захираи луғавии он минтақа мусоидат мекунад. Ба ин маънӣ, диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мешавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода ёфтааст, ки то имрӯз роҷеъ ба хусусиятҳои вожагонию маъноӣ ва сохтории марбут ба наботот дар

лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ ҳанӯз кори диссертатсионии алоҳидае навишта нашудааст. Муаллиф бори аввал ба таври нисбатан мукаммал маводи марбут ба набототро дар лаҳҷаҳои мазкур ҷамъоварӣ, табақабандӣ ва таҳқиқи илмӣ намуда, нақши воҳидҳои луғавии мансуб ба ифодакунандаи номи дарахтон, буттаҳо ва зироатҳо, таносуби миқдории калимаҳои сода ва дар доираи воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи гиёҳу алафҳо ва анвои меваи дарахтони мевадор таносуби миқдории калимаҳои сохтаро баррасӣ намудааст.

Воқеан, ҳар муҳаққиқе, ки бо лексикаи лаҳҷа сарукор дорад, пеш аз ҳама, ба ду қабати он рӯ ба рӯ мешавад. Қабати аввал, умумияти лаҳҷаро бо шохаҳои дигари забон таъмин намояд, қабати дуюм, ҷудогии нисбии лаҳҷаро аз шохаҳои дигари забон нишон медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаи диссертатсия (саҳ. 151–155) хеле муфассал буда, мазмуну мундариҷаи бобҳо ва фаслҳоро ба таври фишурда дар 11 банд, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқ 5 бандро фаро гирифтааст Ҷиҳати хуби диссертатсия дар он аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқот қарордошта дар ҷодаи баррасии воҳидҳои луғавии марбут ба набототқадами муҳимми илмӣ ба шумор рафта, бо сабки равону возеҳ навишта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Масъалаҳои назариявии вожагонии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар таълифоти ҷудогонаи нисбатан мукаммали забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла В. С. Расторгуева, А. З. Розенфелд, Р. Л. Неменова, Р. Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев, А. Ҳасанов, С. Р. Раҳматуллозода ва шогирдону пайравони эшон ба назар мерасад. Ин аст, ки дар як фосилаи кутоҳ имкон ба даст омад, ки бахшида ба лексикаи лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ асару мақолаҳои зиёд ба табъ расад. Вале ин ҳоло ҳадди охири масъала нест, зеро лексикаи аксари лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ чун ганҷури пурганҷ то имрӯз дарбаста мондааст. Бинобар ин, ҳар як асари хурду бузурге, ки дар ин бахши таҳқиқ ба анҷом мерасад, шоиста ба дастгирист. Махсусан, қабатҳои луғавии таркиби луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ниёз ба таҳқиқи ҳаматарафа ва амиқи илмӣ доранд.

Ба ин тариқ, рисола дар такмил ва шинохти назариявию амалии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, хусусан лексикаи он, саҳми босазое гузошта, натиҷаву хулосаҳо ва тавсияҳои онро метавон дар таълифи дастурҳои методӣ, курсҳои махсус дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ ва таҳияи фарҳангҳои мукаммали лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ истифода кард.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Сохтори диссертатсия бар пояи қавии илмӣ тарҳрезӣ гардида, аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт (180 номгӯй), рӯйхати ихтисораҳо иборат аст ва дар заминаи маводи ниҳоят фаровон таълиф ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии омӯзиши номи рустаниҳо» ном дошта, он аз панҷ фасл иборат аст.

Фасли якуми боби аввал - «Мафҳуми калимаҳои умумихалқӣ ва масъалаҳои назарии он» номгузорӣ гардидааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки рустаниҳо як ҷузъи асосии табиат буда, бо ҳаёти инсон алоқаи ногусастанӣ пайдо кардаанд. Ба ҳайати рустаниҳо тамоми анвои дарахтон, гулу буттаҳо, гиёҳон ва ғайра шомиланд. Аз ин рӯ муҳаққиқ ҳангоми ҷамъоварӣ намудани мавод доир ба ҷанбаҳои назарии калимаҳои умумихалқӣ маводи зиёдеро баррасӣ намуда, барои тасдиқи андешаҳои худ дар муқоиса аз корҳои таҳқиқотии лаҳҷашиносон Ғ. Ҷӯраев, Т. Мақсудов, Ҳ. Маҷидов, Н. М. Шанский, О. И. Блинова фикру андешаҳои худро баён кардааст.

Фасли дуюми боби аввал (1.2) «Мафҳуми калимаҳои хоси лаҳҷа ва масъалаҳои назарии он» ном дошта, муҳаққиқ дар ин фасл ба мафҳуми хоси лаҳҷа таҳқиқ анҷом додааст. Дар забоншиносии тоҷик ба масъалаҳои назариявии калимаҳои хоси шева аз солҳои шастуми асри гузашта таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст ва донишмандоне чун А. Л. Хромов, Р. Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев, Т. Мақсудов, Ҳ. Маҷидов ва дигарон роҷеъ ба ин масъала андешаронӣ намудаанд, ки муаллифи диссертатсия зимни баррасии андешаҳои донишмандон дар заминаи маводи лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ мулоҳизаҳои илмии худро пешниҳод кардааст.

Фасли сеюми боби аввал (1.3) «Мафҳумҳои гурӯҳи лексикӣ-семантикӣ ва гурӯҳи мавзуӣ» ном дошта, дар он мафҳумҳои “гурӯҳи лексикӣ-семантикӣ” ва “гурӯҳи мавзуӣ” дар алоқамандӣ ба ҳамдигар мавриди баррасиву тафсир қарор гирифтаанд. Месазад зикр намуд, ки муҳаққиқ В. А. Козирев дар хусуси мафҳуми “гурӯҳҳои тематикӣ” қайд мекунад, ки ба чунин гурӯҳҳо одатан, калимаҳои исмии дорои маъноҳои мушаххаси предметӣ дохил мешаванд ва ягонагии унсурҳои ин гурӯҳҳо, пеш аз ҳама, бо муштаракоти худи падидаҳо муайян карда мешавад, вале шарҳи дақиқи ин мафҳумро намедиҳад.

Донишманди дигар Ф. П. Филин дар рисолаи худ “Очерки по теории языкознания” гурӯҳҳои лексикӣ-семантикиро маҷмуи калимаҳои дар асоси маънои луғавӣ муттаҳидгардида ва гурӯҳи тематикаро маҷмуи калимаҳои дар заминаи табақабандии худи предмету ҳодисаҳо муттаҳидшуда шарҳ дода кӯшидааст, умумияту тафовути алоқаи калимаҳои ин ду гурӯҳро нишон диҳад. “Умумияти миёни гурӯҳҳои лексикӣ-семантикӣ ва тематикӣ менависад Ф. П. Филин,- дар он ифода меёбад, ки ҳар ду ҳам воқеияти объективии маълумро инъикос менамоянд.” (1982, 396 с.)

Аз тавзеҳоти боло бармеояд, ки ҳанӯз таърифу тафсири ягонаи аз тарафи аксари забоншиносон пазируфташудаи мафҳумҳои гурӯҳҳои лексикӣ-семантикӣ ва тематикӣ мавҷуд нест. Вале, ба андешаи мо, таърифи ба мафҳуми гурӯҳи тематикӣ додаи Л. Ф. Алефиренко ва шарҳ ба гурӯҳҳои лексикӣ-семантикӣ додаи З. В.

Ничман нисбатан дақиқ ба назар мерасад, ки инро муаллифи диссертатсия пайгирӣ кардааст.

Фасли чоруми боби аввал «Номи растаниҳо ҳамчун гурӯҳи махсуси мавзуии таркиби луғавӣ» номгузорӣ гардида, масъалаи мақоми гурӯҳи мавзуии номи растаниҳо дар таркиби луғавии забонҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Калимаҳои ифодакунандаи номи растаниҳо яке аз бахшҳои муҳимми таркиби луғавии ҳар забону лаҳҷаҳои онро ташкил медиҳанд ва дар онҳо, чун дар ҳар як бахши дигари луғати забону лаҳҷаҳо, олами маънавӣ, таъриху таҷриба, урфу одат ва маҳорату малакаи халқ-соҳибони забону лаҳҷаҳо инъикос гардидасту омӯзиши онҳо барои нишон додани ҷараёни инкишофи ҳаёти моддӣ ва маънавии халқ аҳаммияту арзиши калонро доро мебошад, ки дар заминаи маводи лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ аз тарафи муҳаққиқи рисола нишон дода шудааст.

Фасли панҷуми боби аввал «Хусусиятҳои асосии номгузории калимаҳои ифодакунандаи номи растаниҳо» ном дошта, дар он муҳимтарин аломату хосиятҳое, ки дар асоси онҳо ба растаниҳо ном гузошта мешавад, номбар ва баррасӣ гардидаанд.

Муҳимтарин аломат, нишона ва хусусиятҳои растаниҳову мафҳумҳои ба онҳо алоқаманд, ки дар лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ дар номгузорӣ ҳамчун асос истифода шудаанд, дар диссертатсия бо мисолҳои фаровони лаҳҷавӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили калимаҳои ифодакунандаи номи растаниҳо аз нигоҳи маъно» унвон дорад, ин боб аз ҳафт фасл иборат аст.

Дар зерфаслҳои боби мазкур оид ба таҳқиқи калимаҳои ифодакунандаи номи дарахтони мевадор ва бесамари маҳаллӣ, таҳқиқи калимаҳои ифодакунандаи номи дарахтони буттагӣ ва буттаҳои маҳаллӣ, калимаҳои ифодакунандаи номи гиёҳу алафҳои худрӯй, вожаҳои ифодакунандаи номи зироатҳои ғалладонагӣ ва лубиёиҳо, лексемаҳои ифодакунандаи номи сабзавоти маҳаллӣ, калимаҳои ифодакунандаи номи растаниҳо, воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи растаниҳо дар осори адибони минтақаи омӯзиш мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия "Таҳлили калимаҳои ифодакунандаи номи растаниҳо аз нигоҳи сохтор" ном дошта, аз се фасл иборат аст. Қисми муқаддимотии ин боб "Таҳлили калимаҳои ифодакунандаи номи анвои наботот аз нигоҳи сохтор" номгузорӣ шудааст. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки роҳи морфологӣ яке аз роҳҳои асосии сохташавии калимаҳои марбут ба соҳаи наботот мебошад. Қайд мегардад, ки ба мавзуи роҳу воситаҳои калимасозии давраи қадим ва миёнаи таърихи забони тоҷикӣ донишмандони бузург, аз ҷумла В. С. Расторгуева, Л. С. Пейсиков, Е. К. Молчанова, И. М. Оранский, Д. Саймиддинов, Ш. Рустамов, Л. С. Пейсиков, С. Ҳалимов, О. Қосимов, С. Назарзода, М. Султон, С. Раҳматуллозода ва дигарон аз солҳои 60-уми асри

гузашта то инҷониб таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таҳқиқоти илмӣ бурдаанд. Ба андешаи унвонҷӯй дар солҳои охир муҳаққиқ С. Раҳматуллозода ба баррасии бевоситаи роҳҳои калимасозии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ машғул шуда, якчанд асару мақолаҳои илмӣ пешниҳод намуда, роҳу воситаҳои ба вуҷуд омадани калимаҳоро дар мисоли шеваҳои мазкур илман асоснок кардааст.

Бо сабаби он ки нисбат ба хусусиятҳои калимасозӣ ва роҳҳои ба вуҷуд омадани воҳидҳои луғавии марбут ба набототи лаҳҷаи Айнӣ кори муфассале пешниҳод нашудааст, унвонҷӯ маҳз ба ҳамин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар фаслҳои ин боб ба нақши калимаҳои сода, нақши пасвандҳо, нақши калимаҳои мураккаб, нақши ибора дар ташаккули воҳидҳои луғавии марбут ба наботот аҳаммият дода шуда, муҳаққиқ таҳлили вожаҳои номбурдаро муфассал ба роҳ монда, бо мисолҳои амиқ ақидаи худро асоснок намуда, роҳи сохташавии калимаҳоро, аз қабили лексемаҳои латтахор, деқунҷоруб, зоғпиёз, нештархор, садабед, падабурс, шириндуна, пирзанг, сийабед, нулзоғак, даҳанпазак, пешпазак, говдамкунак; ибораҳои хори ашк, хори рафида, хори ҷин, хори чашм, хори хулул, ҳулбуи беоб, болиштаки хирс, гуши гурба, думи руба, забони говак, калли қозӣ, фуки хук, рухи ҷунун, кулчи чупунӣ ва ғайраро ба риштаи таҳқиқ мекашад.

Феҳристи адабиёт 180 номгӯйро дар бар гирифта, ба қавли унвонҷӯ танҳо асарҳое ишора шудаанд, ки дар таҳқиқот истифода гардидаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳтавои асосии мавзуи диссертатсия дар 7 мақола, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, ки фарогири натиҷаҳои пурраи диссертатсия мебошанд.

Адади маводи батабърасондаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Гулова М. Н. ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, он аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ дорад. Шеваи нигориш, масъалагузориҳо, услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии диссертантро нишон медиҳанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Бо вуҷуди муваффақиятҳо диссертатсия аз баъзе камбудиҳо орӣ нест:

1. Ба назари мо овардани варианти лотинии номи анвои наботот аз манфиат холӣ нест. Ҳадди ақал номи лотинии калимаҳои калидии ин

қабати луғавиро дар оянда ба кор ҳамроҳ кардан лозим аст, зеро ин қимати илмии диссертатсияро афзун хаҳад кард.

2. Ҳамчунин, тавсия мешавад, ки дар оянда зимни тайёр кардани кор ҳамчун монография номи анвои рустаниҳо мукаммал ҷамъоварӣ шуда, чун луғатнома ба кор ҳамроҳ гардад.
3. Дар фишурдаи диссертатсия муҳаққиқ боби сеюмро боби чорум гуфта чоп намудааст.
4. Дар матни диссертатсия ғалатҳои китобатию имлоӣ, услубию аз сатр ба сатргузаронӣ мавҷуданд (саҳифаҳои 15, 33, 36, 45, 51, 24, 28, 45, 50, 75, 82, 97, 98).
5. Дар саҳифаҳои 17-21 маълумоти таърихию ҷуғрофӣ дарҷ ёфтааст, ки ба назари мо маълумоти зиёдатии ғайрилингвистӣ буда, ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотӣ мустақиман дахл надорад. Будан ва набудани ин маълумот ба муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонад.
6. Феҳристи номи маҳалҳои ноҳияи Айнӣ дар саҳифаи 4-и диссертатсия дода мешавад. Ҳамаи деҳаҳо ба лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ марбутанд ва лаҳҷаҳои гуногуни аз ҷиҳати хусусиятҳои забонӣ фарққунанда нестанд.

Аз ин рӯ мебоист дар номи диссертатсия на лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ, балки лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ гуфта мешуд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Ин эродҳо ҷузъӣ буда, аҳаммияти назариявию амалии рисоларо ба ҳеҷ ваҷҳ коҳиш намедиҳанд. Диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна бо маънои томи сухан таҳқиқоти анҷомшуда ба шумор меравад. Маводи диссертатсия, ки муаллиф солҳои зиёд ҷамъоварӣ намудааст, гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ аз анбуҳи афкори мухталиф ҷавҳареро кашида тавонистааст, ки қабатҳои асосии таркиби луғавии лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ – калимаҳои марбут ба набототро дар бар гирифтаанд.

Диссертатсия, фишурда ва мақолаҳои илмии батабъърасондаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос менамоянд, ки ин аз маҳорати илмии довталаби дараҷаи илмӣ шаҳодат медиҳад.

Дар асоси гуфтаҳои фавқ бо итминон гуфта метавонам, ки диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Гулова Маъмура Нуровна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.0.1-Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи муқарризи расмӣ бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
**номзади илми филология, муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи СадриддинАйнӣ** Юсупова Сурайё Абдумаҷидовна

*"Имзои С. А. Юсуповаро тасдиқ мекунам":*
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи СадриддинАйнӣ** Мустафозода Абдукарим

"14" декабри соли 2023

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
**Тамос**: 985904006
**Сомонаи расмӣ**: www.tgpu.tj
**E-mail:** yusupova-suray88@mail.ru